# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08.02.-Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ).

Дар замони муосир фарҳанги муносибат ва тарбияи экологии насли наврас аз масоили муҳимми минтақавию байналмилалӣ маҳсуб меёбад ва имрӯз дар соҳаи маориф масъалаи такмили усулҳои нави эҳёи таълими босифат ба миён омадааст.

Масъалаи омодасозии омӯзгорон ба таълим ва тарбияи экологии мактаббачагон аз ҷониби муҳаққиқон С.С. Мирзоев «Тарбияи экологии хонандагони синфҳои 9-11» (1995), А.В. Миронов «Мазмуни тарбияи экологии муаллими оянда» (1989), С. Холназаров «Системаи педагогии таълими касбию экологии омӯзишгоҳи ояндаи химия дар мактабҳои олии Тоҷикистон» (2011) С. Холназаров, Ҷ. Ёров «Асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккули салоҳиятнокии экологии хонандагон (2019) баррасӣ ёфта, андешаҳои ҷолиб ҷиҳати роҳандозии онҳо дар раванди таҳсил пешниҳод гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– мукамалсозии асосҳои назариявӣ ва таҷдиди методологии омодагии экологии омӯзгорони ояндаи биология дар шароити таҳсилоти муттасил мушаххас карда шудааст;

– танзими идоракунии низом ва сохтори маърифати экологӣ, такмили ҳисси майлу рағбат ва кӯшиши ҳифзи муҳити зист дар заминаи ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни биология муайян карда шуда, аҳамияти он дар ҷараёни таълим ва

тарбияи фарҳанги экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуд;

– омилҳо ва принсипҳои мураттабсозии мазмуни таълим ва тарбияи экологии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мушаххас карда шудааст;

– роҳҳои самарабахш ва принсипҳои дидактикии таълим ва ташаккули салоҳиятмандии экологии омӯзгорониояндаи фанни биология коркард ва муқаррар гардидааст.

***Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:***

1. Вазъи таълими экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омодасозии касбии омӯзгорониояндаи биология дар шароити муосири таълими муттасил.
2. Дар низоми омодасозии касбии омӯзгорониояндаи биология ба барномаи таълимии донишҷӯён ворид гардидани масъалаи таълим ва тарбияи маърифати экологӣ.
3. Ташаккули маҳорату малакаи омӯзгорониояндаи биология доир ба таълиму тарбияи экологии хонандагон ва ҳифзи муҳити атроф.

Асоснокӣ ва муътамад будани натиҷаҳои таҳқиқотро давраи тӯлонии таҳқиқот, ки дар шароитҳои мушоҳида, назорат, амсиласозӣ, пурсишнома, мусоҳиба, суҳбати ташхисӣ, таҳлили омодабоши касбии донишҷӯ-омӯзгори оянда, коркарди математикии маълумоти дастёфта ва иштироки бевоситаи ӯ дар кори таҷрибавӣ–озмоишӣ тасдиқ менамоянд.

Таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ. Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 14 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида ва 7-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба чоп расида ва маводи конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд

Мазмун ва муҳтавои авторефрат, маводи нашршуда ба мавзӯъ ва матни рисола мувофиқат менамоянд.

Дар асоси автореферат чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки рисолаи илмии Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02.-назария ва методикаи фанҳои табии (таҳсилоти касбӣ) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Назаров Тоҳирҷон Холмуминович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02.-Назария ва методикаи фанҳои табии (таҳсилоти касбӣ) сазовор мебошад.

Дотсенти кафедраи ботаника ва
экологияи кишоварзи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, н.и.б. Акрамов У. Х.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Раҷабова Н.А.